«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»:
Ректори Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б.

________________________

«18» ___01___ соли 2025

# ХУЛОСАИ ДОНИШГОҲИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ЗАБОНҲОИ ХОРИҶИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ СОТИМ УЛУҒЗОДА

Диссертатсияи Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович **«Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри XX»** барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ дар кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода ба анҷом расидааст.

**Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович** солҳои 2001-2006 дар факултети рӯзноманигорӣ ва тарҷумонии Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло факултети журналистикаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон) таҳсил намудааст. Солҳои 2006-2008 котиби масъул ва иҷрокунандаи вазифаи сармуҳаррири нашрияи Вазорати алоқаи Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Радиф-инфо» ва солҳои 2007-2010 муҳаррири шуъбаи мактабҳои олӣ ва котиби масъули нашрияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон – «Омӯзгор» буд. Аз моҳи июни соли 2010 то моҳи октябри соли 2018 ҳамчун мудири шуъбаи табъу нашр, сармуҳаррири нашрияи «Омӯзгори ҷавон» ва сармуҳаррири маҷаллаи «Навруста»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолият кардааст. Аз соли 2011 ба ҳайси ассистент ва муаллими калони кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ фаъолияти омӯзгорӣ низ намуда, аз 26-уми октябри соли 2018 то 23-юми сентябри

соли 2024 дар вазифаи декани факултети филология ва рӯзноманигорӣ дар Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода фаъолият кардааст. Ҳамзамон, аз соли 2018 то имрӯз дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёти Донишгоҳи мазкур мебошад. 23-юми сентябри соли 2024 Бахтиёр Абдураҳимов муовини ректор оид ба илм ва инноватсияи Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода таъйин гардидааст.

Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович соли 2017 дар мавзуи **«Муҳтавомандӣ ва гуногунрангии жанрҳои барномаҳои телевизионӣ (дар мисоли телевизионҳои давлатии тоҷик)»** диссертатсияи номзадиашро ҳимоя карда, дар маҷмуъ муаллифи 48 мақолаи илмӣ, 4 монография ва 1 дастури таълимӣ мебошад.

Мушовирони илмии Абдураҳимов Б.А. доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.03 – Адабиёти халқҳои мамолики хориҷ (Адабиёти тоҷик) Салими Хатлонӣ ва доктори илмҳои филологӣ аз рӯи ихтисоси 10.01.10. – Рӯзноманигорӣ Абдуллозода Масрур мебошанд.

Мавзуи диссертатсияи доктории Абдураҳимов Б.А. дар Шурои олимони Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон аз 26.11.2020 бо қарори № 4/3-6 тасдиқ шудааст.

**Аз муҳокимаи диссертатсия чунин натиҷагирӣ карда шуд:**

Мавзуи диссертатсияи доктории Абдураҳимов Б.А. аз зумраи мавзуъҳои мубрами адабиёт ва матбуоти оғози садаи ХХ буда, ин давраи ниҳоят муҳимми таърихиро, ки ба бедориву худшиносии миллӣ ва як марҳилаи пуртазод, аммо рушд ва таҳаввули матбуот ва адабиёти навини тоҷик нақши созгор дорад, аз масоили бағоят зарури ниёзманд ба пажуҳишҳои тозаи илмӣ донистан мумкин аст.

Муаллифи рисола бо такя ба сарчашмаҳои пайдоиши нашрияҳои нахустини тоҷикӣ дар оғози асри бист, осори муҳаққиқони илмҳои филология, журналистика, таърих ва ҷамъиятшиносӣ, ки дар иртибот ба ин давраи таҳаввулоти адабиёт, матбуот, воқеаҳои сиёсӣ ва иҷтимоии давр, ба вуҷуд омадани аввалин воситаҳои ахбор, матбаа, ташаккули маориф ва ба миён омадани қишри зиёии тоҷикро мавриди омӯзишу таҳқиқ қарор додааст. Ҳарчанд мақолот ва таҳқиқоти зиёд анҷом дода шуда, дар онҳо масъалаҳои дахлдори соҳаи журналистика мавриди омӯзиш қарор гирифта, мутаассифона, онҳо матолиби адабиро аз назар

дур гузоштаанд. Аз ин рӯ, муаллиф бо назари таҳқиқӣ ва таҳлилӣ ба ин масъала эътибор дода, аз сарчашмаҳои муътамади таърихӣ ва осори як зумра муаллифон, аз ҷумла, устод С. Айнӣ, А. Муҳиддинов, С. Табаров, М. Шакурӣ, Р. Ҳошим, Н. Салимӣ, А. Кӯчарзода, А. Маҳмадаминов, М. Раҷабӣ, М. Имомзода, А. Набавӣ, И. Усмонов, М. Абдуллозода, И. Умняков, П. Гулмуродзода, Қ. Шарифзода, В. Самад, Н. Ғаффоров, Г. Дадобоева, А. Азимов, М. Рустамзода, О. Салимзода, С. Аъзамзод ва мақолоти дар ин давраҳои муҳимми таърихӣ дар рӯзномаву маҷаллаҳо батабърасидаю дигар маъхазҳои илмӣ мутаваҷҷеҳ шудааст. Муаллиф барои расидан ба мақсади дар назди худ гузоштааш ҳалли вазифаҳои зеринро дар мадди назар қарор додааст:

- муайян кардани заминаҳои пайдоиши матбуоти аввалини тоҷик ва теъдоди намунаҳои адабиёти бадеии дар онҳо ҷойдодашуда;
- таъйини сабабҳои дар матбуоти аввалини соҳавии маориф ба нашр расидани теъдоди зиёди осори бадеӣ;
- муайян кардани дараҷаи таъсири жанрҳои гуногуни адабиёти бадеӣ ба матбуот чун фелетон, репортаж, очерки сафарӣ;
- муайян кардани дараҷаи таъсиррасонии матбуот ба пайдоиши жанрҳои нави адабиёти бадеӣ, чун очерки бадеӣ, сафарнома, шеъри мансур, ҳаҷвия, саҳнача, намоишнома;
- нақши матбуот дар ташаккули жанрҳои анъанавии классикӣ ва пайдоиши жанрҳои нави бадеӣ ва нақши адабиёт дар пайдоиши жанрҳои нави матбуотӣ;
- мазмуну мундариҷаи асарҳои бадеии дар матбуоти аввалини тоҷик чопшуда («Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» (то соли 1929);
- муайян кардани шакл, услуб ва жанрҳои нави осори бадеии дар нашрияҳои аввалин чопшуда ва махсусияти онҳо;
- муайян кардани сабабҳои нашри асарҳои публитсистикаи бадеӣ ва тарҷумавӣ дар матбуоти аввалин;
- меъёри интихоби тарҷумаҳои бадеӣ дар “Бухорои шариф”, “Оина” ва “Шуълаи инқилоб”;

– инъикоси масъалаҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллию ватандӯстӣ ва маориф дар публитсистикаи нашрияҳои аввалин ва ҷанбаи бадеии онҳо;
– арзёбии фаъолияти эҷодии устод Айнӣ дар маҷаллаи “Шуълаи инқилоб” ва чопи осори ӯ дар нашрияҳои солҳои бистуми асри XX;
– намунаҳои аввалини жанри публитсистикаи бадеӣ дар “Бухорои шариф”, “Оина”, “Шуълаи инқилоб”, “Овози тоҷик”, “Бедории тоҷик” ва махсусиятҳои мавзуӣ ва забонию сабку услубии нашрияҳо;
– муайян кардани замина ва сарчашмаҳои пайдоиши жанрҳои нави бадеӣ ва матбуотӣ: фелетон, ҳаҷвия, назира, мутоиба, шеъри мансур, сафарнома, суҳбат, саҳнача, намоишнома дар матбуоти аввалини тоҷикӣ;
– дараҷаи инъикоси ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ дар матолиби бадеии нашрияҳои аввалини тоҷикӣ;
– муайян кардани махсусиятҳои жанрҳои гуногуни насри бадеӣ: фелетон, шеъри мансур, саҳнача, намоишнома ва ғайра дар матбуоти аввалини тоҷик;
– муайян кардани арзиши бадеии нахустин асарҳои насрии жанрҳои ҳаҷвия ва ҳикоя дар адабиёти тоҷик;
– пайдоиши жанри ҳикоя дар матбуот ва адабиёти тоҷик ва таъсирпазирии он аз осори насрии аввалини устод Айнӣ;
– муқоисаи забон, сабку услуби намунаҳои адабиёт дар нашрияҳои аввалин ва муайян кардани сабабҳои суст шудани забони асарҳо дар нимаи дувуми солҳои бистуми асри XX.

Ба сифати мавод ва ё **сарчашмаҳои асосии таҳқиқ** маводи рӯзномаву маҷаллаҳои тоҷикии оғози асри XX-и тоҷик: «Бухорои шариф», «Оина», «Шуълаи инқилоб», «Овози тоҷик», «Бедории тоҷик», «Дониш ва омӯзгор» ва «Раҳбари дониш» (то соли 1929) шомил буда, ҳамчунин, матолиби дар маҷаллаҳои мазкур чопшуда бо намунаҳои дар китобҳои алоҳида, маҷмуаҳо, нашрияҳои дигар нашргардида мавриди муқоиса қарор гирифтаанд.

**Асосҳои назариявӣ ва методологии** диссертатсияро таҳқиқоти донишмандони соҳаҳои адабиётшиносии ватанию хориҷӣ С. Табаров, М. Шукуров, Р. Ҳодизода, Х. Асозода, Н. Салимӣ, А. Кӯчарзода, А.

Маҳмадаминов, М. Раҷабӣ, М. Имомзода, А. Набавӣ, А. Раҳмонзода, С. Аъзамов, муҳаққиқони соҳаи журналистика, ба монанди И.К. Усмонов, А. Саъдуллоев, Д. Давронов, А. Нуралиев, М. Абдуллозода, М.Б. Муродов, А.Х. Азимов, Ш. Муллоев, П. Гулмуродзода, О. Салимзода, А.А. Тертичний, А. Кройчик, Н.В. Жиляков, А.Ф. Бережнева, З.К. Магомедова, Б.Т. Исомидинов, Г.Ҳ. Дадобоева, А.А. Шехов, С.Хӯҷақулов, таърих М. Бобохонов, Н.У. Ғаффоров ва дигарон ташаккул додаанд.

Муаллифи диссертатсия дар раванди таҳқиқ аз методҳои анъанавии таҳқиқоти адабиётшиносӣ ва журналистика: муқоисавӣ-таърихӣ, таҳлилӣ-оморӣ, сохтори шаклию мундариҷавии осори бадеӣ, ҳамчунин, хронологӣ, назарияи адабиётшиносию жанрҳои адабию журналистика истифода намудааст.

**Навоварии таҳқиқ** дар он ифода меёбад, ки бори аввал масъалаи ташаккули адабиёт дар доираи матбуот мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Албатта, кӯшиши муайян кардани саҳми матбуот дар ташаккули адабиёти навини тоҷик дар чанде аз корҳои таҳқиқотӣ ба чашм мерасанд, аммо нақши онҳо аз доираи омӯзиши таърихи адабиёт ё матбуот берун нарафтааст. Дар диссертатсияи мавриди назар бошад, намунаҳои асарҳои бадеӣ, шеъру публитсистика, шеъри мансур, насри мусаҷҷаъ, мутоиба, мусоҳибаву фелетон, ҳаҷвия, очерку ҳикоя, тарҷумаву нақд ва дигар жанрҳои адабии дар рӯзномаву маҷаллаҳо чопшуда аз нуқтаи назари аҳамияти онҳо дар ташаккули адабиёти навини тоҷик ва забони адабии тоҷик мавриди баррасӣ қарор дода шудаанд. Ҳамчунин, дар рисола вобаста ба таъсири забони матбуот, услуби публитсистӣ ба сабки матолиби бадеӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Ғайр аз ин, аҳамияти матолиби адабии дар нашрияҳо чопшуда, гурӯҳҳои адабии дар атрофи онҳо бавуҷудомада, ки ба таъсису ташкили нашрияҳои адабӣ, ҷамъияту иттиҳодияи нависандагон ва, бахусус, маҳфилҳои адабии давр мусоидат кардаанд, ба таҳқиқ ва таҳлилҳо фаро гирифта шудаанд.

Диссертатсияи доктории Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимович аз чанд ҷиҳат аҳаммияти вижа дошта, **арзиши назариаш** дар он зоҳир меёбад, ки **маводи дар ин кори таҳқиқӣ фароҳамомада ва хулосаҳои он** ҷанбаҳои назарии омӯзиши равишҳои назарии жанрҳои матбуотӣ ва

анвои адабиро тақвият бахшида, хулосаҳои муаллифро метавон зимни пажуҳиши масоили дигари илмҳои адабиётшиносӣ ва журналистика мавриди истифода қарор дод.

**Аҳаммияти амалии** кори диссертатсионӣ дар он аст, ки мавод, мавзуъ, хулоса ва пешниҳодҳои алоҳидаи таҳқиқотро дар таҳияи дастур ва барномаҳои таълимию курсҳои алоҳидаи лексия ва гузаронидани дарсҳои амалӣ оид ба ташаккули адабиёти навини тоҷик ва журналистика, таърихи адабиёт, таърихи журналистика дар факултетҳои журналистика ва филологияи тоҷики муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода бурдан пураҳаммият хоҳад буд. Ҳамчунин, мазмуни асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия мумкин аст, ки дар ташкили курсҳои нав, монанди «Муносибати адабиёт ва матбуот», «Инъикоси адабиёт дар саҳифаҳои нашрияҳо», «Ҷойгоҳи адабиёт дар матбуот» ва ғайра дар факултетҳои филология ва журналистика пайваста мавриди корбарӣ ва истифода қарор дода шаванд. Аҳаммияти амалии таҳқиқ, ҳамчунин, аз он иборат аст, ки дар асоси он дар нашрияҳои тоҷикӣ истифодаи жанрҳои адабӣ барои иҷрои ҳадафҳои касбии худ чун тарғибу ташвиқ ва иттилоърасонӣ ба чаҳорчӯбаи муайян медароянд. Таҳқиқоти мазкур дар ин бобат ҳамчун дастур истифода шуда метавонад, зеро ин усул қоидаи маъмули «матбуот барои матбуот»-ро аз байн бурда, дар нашрияҳо ҷойгоҳи сазовори адабиётро муайян хоҳад кард.

Мавзуи диссертатсия ба доираи мавзуъ ва масоили таҳқиқи **шиносномаи ихтисосҳои илмии 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ** мувофиқат мекунад.

**Мавзуи диссертатсия** ба «Самтҳои афзалиятноки таҳқиқоти илмӣ ва илмию техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» **мутобиқат дорад.** Ҳамчунин, ба маводи диссертатсия зимни пажуҳиши мавзуъ ва масъалаҳои гуногуни таърихи адабиёти тоҷик, назарияи адабиёт, таърихи матбуоти тоҷик ва публитсистика метавон такя кард.

Таҳқиқи арзишҳои ҳунариву адабӣ ва дигар вижагиҳои анвои адабию жанрҳои матбуотӣ ва публитсистӣ барои рушди адабиётшиносӣ ва рӯзноманигорӣ мусоидат менамоянд. **Натиҷаҳои таҳқиқро** зимни пажуҳиш дар самтҳои дигар, аз ҷумла, таърих, забоншиносӣ, тарҷумашиносӣ, фалсафа ва ғайра **татбиқ намудан мумкин аст.**

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқарраротн ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунанд.

Муҳтавои таҳқиқ ва мундариҷаи асосии диссертатсияи Бахтиёр Абдураҳимов дар 1 монография ва 26 мақолаи чопнамудаи муаллиф, аз ҷумла, 16 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос ёфтааст, ки рӯйхати онҳо дар зер оварда мешавад:

[1-М]. Абдураҳимов, Б.А. «Шуълаи инқилоб» – поягузори жанри ҳаҷв дар адабиёти навини тоҷик ва матбуот [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2020. – №3 (39). – С. 63-71.

[2-М]. Абдураҳимов, Б.А. Хусусиятҳои жанри ҳикоя дар маҷаллаи «Раҳбари дониш» ва таъсирпазирии он аз повести устод Айнӣ «Одина» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №2 (85). – С. 101-110.

[3-М]. Абдураҳимов, Б.А. Намунаи шеъри иҷтимоӣ дар маҷаллаи «Оина» [Матн] / Б.А.Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4. – С. 263-271.

[4-М]. Абдураҳимов, Б.А. Ду иқдоми наҷиби рӯзномаи «Бухорои шариф» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №4 – С. 306-313.

[5-М]. Абдураҳимов, Б.А. Саҳми рӯзномаи «Бухорои шариф» дар ташаккули забони адабӣ [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. - №4 (012). – С. 217-224.

[6-М]. Абдураҳимов, Б.А. Таҳлили намунаи осори устод Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2020. – №3, (011). – С. 252-260.

[7-М]. Абдураҳимов, Б.А. Пайванди адабиёти навин ва матбуоти тоҷик [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2020. – №5 (88) – С.79-85.

[8-М]. Абдураҳимов, Б.А. Вазифаи руҷӯи лирикӣ дар матбуот (дар мисоли маҷаллаи «Оина») [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №2 (42). – С.112-119.

[9-М]. Абдураҳимов, Б.А. Таҳқиқ ва таҳлили осори адабии рӯзномаи “Бедории тоҷик” [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Гузоришҳои Академияи миллии илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2021. - №3, (015). – С. 200-207.

[10-М]. Абдураҳимов, Б.А. Махсусиятҳои фелетони матбуоти аввалини тоҷик [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2021. – №6 (95). – С.212-219.

[11-М]. Абдураҳимов, Б.А. Иртибот ва таъсирпазирии мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри бистум [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишкадаи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2021. – №4 (44). – С.92-101.

[12-М]. Абдураҳимов, Б.А. Мавқеи нашрияҳои тоҷикӣ дар баландбардории эътибори байналмилалии забон [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи Хоруғ. Бахши 2. Илмҳои ҷамъиятшиносӣ ва гуманитарӣ. – Хоруғ, 2022. – №4 (24). – С.10-19.

[13-М]. Абдураҳимов, Б.А. Вижагиҳои тарҷумаи бадеӣ дар матбуоти нахустини тоҷикӣ [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2024. – №4 (111). – С. 125-134.

[14-М]. Абдураҳимов, Б.А. Шаклгирии анвои тозаи насри бадеӣ дар матбуоти нахустини тоҷик («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб») [Матн] /Б.А. Абдураҳимов., С. Хатлонӣ // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. – №3 (55). – С.119-128.

[15-М]. Абдураҳимов, Б.А. Масъалаҳои маориф дар шеър ва публитсистикаи маҷаллаи «Оина» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов., С. Хатлонӣ // Ахбори Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – Душанбе, 2024. – №2. – С.152-161.

[16-М]. Абдураҳимов, Б.А. Хусусияти жанрҳои нави бадеӣ дар нашрияҳои солҳои бистум [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Паёми Донишгоҳи забонҳо. Силсилаи илмҳои филологӣ, педагогӣ ва таърих. – Душанбе, 2024. - №4 (56). – 218-225.

**2. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигар:**

[17-М]. Абдураҳимов, Б.А. Эътибори байналмилалии забон ва нашрияҳои тоҷикӣ / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо”. – Душанбе, 2020. – С. 9-15.

[18-М]. Абдураҳимов, Б.А. Баҳрабардории мутақобилаи адабиёт ва матбуот дар оғози асри бистум [Матн] /Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри XX». – Душанбе, 2021. – С. 312-327.

[19-М]. Абдураҳимов, Б.А.Ташаккули забони адабӣ дар нимаи аввали асри XX дар Бухоро [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе, 2021. – С. 28-44.

[20-М]. Абдураҳимов, Б.А. Нақши матбуот дар инъикоси адабиёти давраи навини тоҷик [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Масъалаҳои мубрами забоншиносӣ ва адабиётшиносӣ дар замони муосир». – Душанбе, 2022. – С. 26-34.

[21-М]. Абдураҳимов, Б.А. Навовариҳо дар ашъори рӯзномаи «Бухорои шариф» [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Филологияи шарқ: пажуҳиши забоншиносӣ, равобити адабӣ ва тарҷумашиносӣ. – Душанбе, 2023. – С. 438-448.

[22-М]. Абдураҳимов, Б.А. Нақши матбуоти нахустини тоҷикӣ дар шаклгирии услуби тарҷумаи бадеӣ [Матн] / Б.А. Абдураҳимов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи “Масъалаҳои мубрами тарҷумашиносӣ: назария ва методҳои таҳқиқи “тарҷумашиносӣ””. – Душанбе, 2024. – С. 16-28.

[23-М]. Абдураҳимов, Б.А., Қаҳорзода, М., Маҳкамов, Д. Махсусияти тарҷумаи бадеӣ дар нашрияҳои тоҷикӣ [Матн] / Б.А. Абдураҳимов., М.Қаҳорзода., Д.Маҳкамов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ дар мавзуи "Филологияи Шарқ дар масири фарҳанг ва тамаддунҳо". – Душанбе, 2020. – С. 233-242.

[24-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д., Қаҳорзода, М. Ташаккули жанрҳои нави насри бадей дар матбуоти аввалини тоҷик («Бухорои шариф», «Оина» ва «Шуълаи инқилоб») [Матн] / Б.А. Абдураҳимов., Д.Маҳкамов., М.Қаҳорзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар асри ХХ». – Душанбе, 2021. – С. 420-441.

[25-М]. Абдураҳимов, Б.А., Маҳкамов, Д.С. Баррасии шаммае аз асарҳои Садриддин Айнӣ дар маҷаллаи «Шуълаи инқилоб» [Матн] /Б.А. Абдураҳимов., Д.С.Маҳкамов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ таҳти унвони «Густариши равобити адабию фарҳангии Тоҷикистон ва Ӯзбекистон: ҳолат ва дурнамо». – Душанбе, 2021. – С. 45-67.

3. **Монография:**

[26-М]. Абдураҳимов, Б. Афкори сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар адабиёти солҳои бистуми асри ХХ (Дар асоси маводи нашрияҳои "Овози тоҷик", "Бедории тоҷик", "Дониш ва омӯзгор" ва "Раҳбари дониш") [Матн] / Б. Абдураҳимов. – Душанбе: ҶДММ "Абдураҳмон – Р", 2025. – 250 с.

Кафедраи назария ва таърихи адабиёт ва кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода диссертатсияи **Абдураҳимов Бахтиёр Абдураҳимовичро** дар мавзуи **«Таъсирпазирии мутақобилаи адабиёти навини тоҷик ва матбуот дар оғози асри ХХ»** кори анҷомёфтаи илмӣ ва муҳимму зарурӣ меҳисобад, ки дар сатҳи баланди илмию таҳқиқӣ таълиф шуда, ба талаботи кори диссертатсионӣ ҷавобгӯ мебошад. Дар ин замина, диссертатсияи мазкур ба ҳимоя аз рӯйи ихтисосҳои 10.01.01 – Адабиёти тоҷик; равобити адабӣ ва 10.01.10 – Рӯзноманигорӣ ва дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ тавсия мешавад.

Хулоса дар ҷаласаи муштараки кафедраи назария ва таърихи адабиёт ва кафедраи забонишносӣ ва рӯзноманигории факултети филология ва рӯзноманигории Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода қабул гардид. Дар ҷаласа доктори илмҳои филологӣ Мурод Муродӣ ва доктори илмҳои филологӣ Нуриддин Бозорзода аз Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки дар назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА-020 амал менамояд, ширкат карданд.

Иштирок дошт: 18 нафар. Натиҷаи овоздиҳӣ: «тарафдор» – 18 нафар, «зид» – нест, «бетараф» – нест, қарори № 6, аз 17.01.2025.

Раиси ҷаласа:
доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи адабиёти ДБЗХТ ба номи Сотим Улуғзода — Исрофилниё Ш.Р.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Шамсов Н.С.

Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ — Сафарова Г.Ф.

Котиби илмӣ, номзади илмҳои филологӣ, дотсенти кафедраи назария ва таърихи адабиёт — Боев Ш.Э.

*«Имзоҳои Исрофилниё Ш.Р., Шамсов Н.С., Сафарова Г.Ф. ва Боев Ш.Э.-ро тасдиқ мекунам»*
Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С.Улуғзода — Халифаев Ф.Н.

«18» январи соли 2025.